Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА - 012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, 1/2)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос Исвалиев Бахтиёр Ҷурахонович дар мавзуи «Такмили механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051900 – Ташкил ва ба меъёргирии меҳнат (6D051901 – Иқтисодиёти меҳнат).**

Дар шароити муосир механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ яке аз роҳҳои баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва ба мақсадҳои стратегӣ расидани муассисаҳо мебошад. Мотиватсияи кадрҳо самти асосии сиёсати кадрии ҳар як муассиса ва ташкилот маҳсуб ёфта, маҷмуи чораҳои ҳавасмандгардонии кормандонро дар бар мегирад. Тибқи сарчашмаҳои илмӣ, ҳавасмандии кормандон маҷмӯи муайяни амалҳои роҳбарияти муассиса мебошад, ки ба баланд бардоштани қобилияти кории кормандон, инчунин роҳҳои ҷалби мутахассисони соҳибихтисос ва нигоҳ доштани онҳо нигаронида шудааст. Мақсад аз гузаронидани чорабиниҳо оид ба ҳавасмандгардонии кормандон ин муттаҳид кардани манфиатҳои ташкилот ва кормандон мебошад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки муассиса ва ё ташкилоти дилхоҳ кори баландсифатро аз кормандони худ интизор аст, дар ҳоле, ки ба кормандон низ маоши муносиб лозим аст. Албатта ин ягона мақсаде нест, ки ба сифати ҳавасмандгардонии коргарон баромад намояд. Дар баробари ин боз дигар равишҳо ва механизмҳои мотиватсионие ҷой доранд, ки таҳқиқ ва муайян намудани онҳо дар шароити муосири муносибатҳои иқтисодӣ шарт ва зарур аст.

Муаллиф дар автореферати диссертатсия ба масъалаи назариявии «механизм» таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, инчунин қайд кардааст, ки истилоҳи «механизм» дар омӯзиши мавзуи мазкур ҳамчун сохт ва тартиби таъсиррасонӣ ба сатҳи мотиватсионии кормандон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (МТОК) истифода шудааст. Яъне, дар такмили ҳама равандҳо механизм нақши муҳим мебозад (саҳ. 10).

Қайд гардидааст, ки корманд, ҳамчун қоида, дар ҳолате ҳавасманд мегардад, агар ӯ ба кор таваҷҷуҳ дошта бошад, корро дар сатҳи баланд иҷро намояд, дар ҷамъомадҳои муассиса ба сифати корманди пешқадам эълон гардад, инчунин дар рӯйхати кормандони пешқадам дар гӯшаи фахрии муассиса ҷой дода шавад. Инчунин, дар муассиса эҳтироми

худро ҳис кунад, одамоне, ки бо ӯ кор мекунанд, инро қобили қабул донанд, имконияти муайяни рушди шахсӣ тавассути бозомӯзӣ ва такмили ихтисос дошта бошад. Агар ин роҳҳои мотиватсия вуҷуд надошта бошанд, пас кормандон худро шахси нолозим эҳсос мекунанд, дар ин ҳолат самаранокии кор низ дар муассиса паст мегардад (саҳ. 11).

Муаллиф оид ба такмили механизми мотиватсионӣ дар МТОК чунин қайд менамояд, ки барои такмили минбаъдаи низоми ҳавасмандгардонии меҳнати омӯзгорони МТОК, ҷорӣ намудани механизми нави татбии дигар намудҳои ҳавасмандгардонии моддӣ, баланд бардоштани масъулияти омӯзгорон ва саҳми педагогии онҳо дар раванди тайёр кардани кадрҳои баландихтисос ва қонеъ гардонидани талаботи бозори меҳнати ватанӣ ва хориҷӣ, роҳҳои такмил додани ин системаро муайян кардан зарур аст. Ба ин муносибат дар асоси имкониятҳои мавҷуда аз ҳисоби манбаъҳои ғайрибуҷетии маблағгузорӣ зиёд кардани ҳаҷми ҳавасмандгардонии моддӣ, хусусан музди меҳнат қобили қабул мебошад (саҳ. 13).

Муаллиф дар ҷадвали 4 оид ба хароҷот барои илм аз буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2018 - 2022 таҳлил гузаронида, қайд менамояд, ки рушди илм бо маблағгузории раванди гузаронидани корҳои илмӣ - тадқиқотӣ ва татбиқи натиҷаҳои илмӣ зич алоқаманд аст, зеро натиҷаҳои назарраси фаъолияти илмӣ бештар аз дастгирии молиявии соҳаи маориф ва илм вобастаанд. Аз ин ҷост, ки сиёсати давлатии мамлакат барои таҳким бахшидани соҳаи маориф, илм ва инноватсия равона гардида, афзоиши маблағгузорӣ аз буҷаи давлатӣ дар соли 2022 нисбат ба соли 2018 178,8% - ро ташкил додааст (саҳ.18).

Дар расми 3 муаллиф унсурҳои танзим ва баландбардории пардохти меҳнат дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳуриро таҳия намудааст. Қайд гардидааст, ки барои такмили низоми музди меҳнати омӯзгорони МТОК ва масъалаҳои бо кор таъминшавии хатмкунандагон, натиҷаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва самаранокии он дар сатҳҳои гуногун, махсусан муносибатҳои байналмилалиро ба назар гирифтан зарур аст. «Вобаста ба ин, мо нишондиҳандаҳои асосии такмили низоми пардохти меҳнатро дар шароити иқтисоди бозорӣ чунин пешниҳод намудем», қайд менамояд муаллиф (саҳ. 20).

Дар баробари ҳамаи ин комёбиҳо ба назари мо автореферат дорои камбудӣ низ мебошад: агар дар автореферати диссертатсия оид ба масъалаи рейтинги МТОК – и ҷумҳурӣ маълумот оварда мешуд, ин ба манфиати кор мебуд.

Дар маҷмуъ ин камбудӣ, сифати аслии кори таҳқиқотии анҷомдодашударо коста намегардонад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Исвалиев Бахтиёр Ҷурахонович дар мавзуи «Такмили механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» кори мустақиман анҷом дода шуда арзёбӣ гардида, ба бандҳои марбути соҳаи илмии шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D051900 – Ташкил ва бамеъёргирии меҳнат (6D051901 – Иқтисодиёти меҳнат) мутобиқат карда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси пешниҳодшуда мебошад.

Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур — Самандарзода И.Ҳ.

Суроғаи донишгоҳ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146. Тел.+992935014316. E.mail: iskandar-s@mail.ru

Имзои д.и.и., профессор Самандарзода И.Ҳ. – ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
ва кадрҳо — Абдуҳалимзода Н.А.